ХУЛОСАИ НИҲОИИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.12.2022, №19

Барои сазовор донистани Самадова Мавзуна Тағойевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Самадова Мавзуна Тағойевна дар мавзуи «Махсусиятҳои публитсистии осори Тӯлкин Хоҷа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 06 октябри соли 2022, суратмаҷлиси №14 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Самадова Мавзуна Тағойевна 9 декбари соли 1985 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2009 факултети журналистикаи Донишгоҳи милии Тоҷикистонро бо ихтисоси журналист хатм кардааст. Аз соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кори илмӣ машғул аст. Аз соли 2015 то ин замон ба ҳайси ассистенти кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Қутбиддинов Абдулмуъмин Ҳошимович – доктори илми филология, дотсент, декани факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ: Муллоев Шариф Боқиевич – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон ва Шарипов Сангимурод Исматуллоевич – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии

Бохтар ба номи Носири Хусрав». Муқарризони расмӣ ба диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Мирзода З.Қ., эксперт – доктори илми филология, профессори кафедраи мазкур Муъминҷонов З., котиби илмии ҷаласа – омӯзгори калон Абдуллоева А.Н. имзо шуда ва бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми филология, профессор Низомӣ М. З. тасдиқ гардидааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Самадова Мавзуна Тағойевна дар мавзуи «Махсусиятҳои публитсистии осори Тӯлқин Хоҷа» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Самадова, М. Моҳият, арзиш ва нақши об дар назми иҷтимоӣ / М. Самадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 4. – С. 247-250.

[2-М]. Самадова, М. Баъзе қолабҳои жанрӣ дар публитсистикаи Т. Хоҷа / М. Самадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 430-434.

[3-М]. Самадова, М. Масъалаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии қишлоқ дар осори публитсистии Тӯлқин Хоҷа / М. Самадова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсили илмҳои гуманторӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2020. – № 1/4 (80). Қ. 2. – С. 5-9.

Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. Тақризи номзади илми филология, дотсенти кафедраи матбуот ва алоқа бо ҷомеаи Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон Афсаҳзод А.А. мусбат буда, дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид шудаанд. Муқарриз қайд менамояд, ки «баҳогузориҳои М.Самадова аҳёнан ба ғулув мерасанд. Ҳамчунин, ба ин қатор метавон нодида гузаштани тамаъҷӯиву хушомад ва муросову замонасозиҳои Т. Хоҷаро ёдрас шуд, ки нафақат нишондиҳандаи шикасти рӯҳи мубориз, балки омили заъфи парвози эҷоду эъҷози муаллифро равшан месозад». Бо вуҷуди ин, муқарриз эътироф мекунад, ки «кор ҳам хондӣ ва ҳам аз нуқтаи назари илмӣ субутёфта буда, бурди пажӯҳишгар аст, ки тавонистааст осору аъмоли аҳли зиёи музофотро дар радифи ҳамсонони марказнишин ба ҳам монда, ба таври худ маҳорату ҳусни баён ва шуҷоату бепардагӯиашро намуна созад».

2. Тақризи мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илми филология, профессор Саидмуроди Хоҷазод мусбат буда, дар он ду эрод манзур шудааст:

1. Дар фасли дуюми боби сеюми рисола «Маҳорати образофарӣ ва санъатҳои тасвири бадеӣ дар осори воқеъгароёнаи Тӯлқин Хоҷа» махсусияти ҳунари адиб ба таври возеҳ нишон дода нашудааст.

2. Панҷ сархати хулоса (саҳ. 25-26) хислати тарҷумаиҳолӣ ва публитсистӣ касб кардаанд.

3. Дар тақризи номзади илми филология, директори Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории шаҳри Турсунзода» Сафарзода Хуршед Ҳайдар қайд гардидааст, ки автореферати диссертатсияи Самадова Мавзуна ба талаботи таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад. Дар тақриз дар баробари зикри дастовардҳо баъзе норасоиҳои автореферат низ нишон дода шудаанд:

1. Доираи мавзуи таҳқиқшаванда нисбатан васеъ буда, пажуҳиши давраи муайяни фаъолияти адиб ба манфиати кор мешуд.

2. Зарур аст, ки нуқсонҳои техникии рисола аз лиҳози имлои нав ислоҳ карда шаванд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ довталаби дараҷаи илмӣ чунин корҳоро сомон додааст:

- бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул ба омӯзиши махсусиятҳои публитсистии осори Тӯлқин Хоҷа ва мушаххас намудани ҷанбаҳои публитсистии асарҳои насрию назмии ӯ машғул гардида, кори илмии аз нигоҳи публитсистикашиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси осори назмию насрии Т. Хоҷа, ки дар матбуоти ҷумҳуриявию маҳаллии кишвар («Ҷумҳурият» («Тоҷикистони советӣ»), «Ҷавонони Тоҷикистон» («Комсомоли Тоҷикистон»), «Адабиёт ва санъат», «Садои мардум», «Роҳи ленинӣ», «Симои Данғара» («Навобод»)) ва китобҳои алоҳидаи адиб («Озар» (2001), «Ниёиш» (2002), «Бурҷи асад» (2005), «Захми нигоҳ» (2005), «Фарёдҳои ростӣ» (2010), «Хоки баланд» (2013), «Куллиёт» (2020)) роҳ ёфта, аҳаммияти баланди иҷтимоӣ касб кардаанд, сурат гирифта, махсусияти публитсистии эҷодиёти адиб дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард карда шудаанд.**
- зиндагинома, пайроҳаи эҷодӣ ва таваҷҷуҳи адиб ба масоили иҷтимоӣ дар осори назмию насрии Тӯлқин Хоҷа **баррасӣ гардида**, хусусиятҳои публитсистии ашъори шоир **муайян шудаанд;**
- нақши Тӯлқин Хоҷа дар рушди адабиёту публитсистикаи маҳаллӣ дар солҳои охири мавҷудияти Иттифоқи Шуравӣ, Тоҷикистони соҳибистиқлол (то солҳои 2000-ум) ва иртиботи эҷодиёти адиб ба ҳаёти иҷтимоии ин давра **таҳқиқу баррасӣ ёфтаанд**;
- истифода аз жанрҳои публитсистӣ дар шакли манзуму мансур дар мисоли навиштаҳои матбуотию ашъори публитсистии адиб **исбот шудаанд;**
- ҳунари нигорандагии Тӯлқин Хоҷа дар истифода аз воситаҳои тасвири образноки воқеият **баррасӣ ва таҳқиқ гардидааст.**

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки натиҷагириҳои диссертатсия назарияи илми публитсистикашиносии тоҷикро тақвият бахшида, дар инъикоси воқеияти иҷтимоӣ, таъйини ҳунари портретсозии адибону публитсистон ва баррасии вижагиҳои жанрӣ ва мухтассоти осори адибони публитсист ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ осори илмию назарии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, бахусус, асару мақолаҳои В.В. Ворошилов, В.В. Ученова, Е. Прохоров, Я.Н. Засурский, Г.С. Мелник, С.М. Гуреевич, В.Ф. Олешко, Л. Демидчик, С. Табаров, А. Маниёзов, М. Имомзода, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, А. Нуралиев, П. Гулмуродзода, М. Муродӣ, А. Азимов, М. Муқимов, М. Абдуллозода, А. Қутбиддинов, Ш. Муллоев, С. Гулов, Н. Кӯчарова, Н. Усмонова ва дигарон дар ҳалли масоили назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ ва консепсияи таҳлилу таҳқиқи осори адабӣ истифода шудааст.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавонанд дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи осори мустанади адибони тоҷик, таълифи китобҳои дарсӣ ва китобҳо перомуни публитсистикаи давраи шуравӣ ва замони Истиқлол, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултету ихтисосҳои журналистии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи публитсистикашиносони хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар ҷараёни ҷамъоварии маводи зарурӣ, дастабандии мавзуӣ, таъйини тарҳи кор, навиштани мақола ва ҷамъбасти умумии мавзуъ мустақилият зоҳир карда, дар мавридҳои зарурӣ аз маслиҳати роҳбари илмӣ баҳраманд шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, муайян намудани ҳунари нигорандагии Тӯлқин Хоҷа дар муносибат ба мавзуоти иҷтимоӣ, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои

бадастомада, пешниҳоди маълумот барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ дастовардҳои назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15 декабри соли 2022 дар бораи сазовор донистани Самадова Мавзуна Тағойевна ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест , бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ
15.12.2022